# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

Хайр,
фиръавн!



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Lyn Doerksen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.



Фиръавн хашмгин шуда буд. Худо ба воситаи Мусо ба вай фармон дод, ки исроилиёни ғуломро барои аз Миср рафтан ҷавоб диҳад. Аммо фиръавн рад кард.



“Онҳоро сахттар кор фармоед” — гуфт фиръавн ба ғуломдоронаш. Акнун вазъияти исроилиён боз ҳам бадтар шуда буд.

“Коҳро худатон ҷамъ кунед.  Мо дигар ба шумо коҳ намедиҳем.  Лекин миқдори пештараи хиштро рехтан гиред”.  Ин фармонҳои нави фиръавн буд.



Назоратчиён баъзе ғуломонро мезаданд. Зеро онҳо вақт надоштанд, ки ҳам коҳ ҷамъ кунанду ҳам ба таври кофӣ

хишт резанд.





Мардум Мусову Ҳорунро барои бадбахтиҳояшон айбдор карданд. Мусо ҷое ёфта, чунин дуо кард: “Худовандо! Ту тамоман халқатро халос накардӣ!”

“Ман Худованд ҳастам ва Ман туро берун меорам” — ҷавоб дод Худо.

Сипас Худо, Мусову Ҳорунро боз ба назди фиръавн фиристод. Вақте ки ин роҳбари боқудрат аз хизматгорони Худо аломате аз Худо пурсид,



асои Ҳорун ба мори хазандае табдил ёфт.



“Ҷодугарони маро
чеғ занед” — дод зад
фиръавн. Ҳангоме ки
ҷодугарони мисрӣ
асоҳои худро ба замин
партофтанд, ҳамаи он
низ ба мор табдил ёфт.
Аммо асои Ҳорун
асоҳои дигарро фурӯ
бурд. Фиръавн ҳоло
ҳам мардумро
рафтан
намемонд.

Саҳари дигар Мусову Ҳорун фиръавнро дар назди дарё вохӯрданд.  Вақте Ҳорун асои худро дароз кард, Худо обро ба хун табдил дод.  Моҳиҳо мурданд!



Аммо фиръавн якравӣ кард.  Вай намемонд, ки исроилиён аз Миср баромада раванд.





Мусо боз ба фиръавн гуфт, ки халқи Худоро ҷавоб диҳад. Фиръавн боз рад кард. Худо як балои дигар фиристод. Тамоми Мисрро қурбоққаҳо зер карданд. Тамоми ҳавлию хонаҳо, ҳатто дегҳои хӯрокпазӣ пури қурбоққаҳо шуданд.



Фиръавн зорӣ кард: “Барои ман дуо кун, ки Худо қурбоққаҳоро дур кунад. Баъд ман халқатро ҷавоб медиҳам”. Аммо вақте ки қурбоққаҳо нест шуданд, фиръавн аз фикраш гашт. Вай ғуломонро озод намекард.

Баъд Худо миллиардҳо ҳашароти хурд фиристод, ки шабушк ном дошт. Тамоми одамону ҳайвонот аз неши онҳо худро мехориданд, аммо фиръавн ба Худо таслим намешуд.





Ин дафъа Худо пашшаҳои бисёрро фиристод. Инчунин барои куштани ҳайвоноти мисриён беморие фиристод.





Боз Ӯ яраҳои дардовар дод. Мардум сахт азоб мекашиданд. Фиръавн ҳоло ҳам ба Худо муқобилият мекард.





Баъди яра,
Худо малахҳои
бешуморро
фиристод.
Малахҳо
тамоми
растании сабзи
заминро
хӯрданд.



Сипас Худо се рӯз сахт торик кард. Вале фиръавни якрав исроилиёнро озод намекард.

Худо огоҳӣ дод:
“Ман як
балои дигар
мефиристам.
Ними шаб тамоми
нахустзодаи
одамӣ ва ҳайвонот
мемиранд”.  Худо
гуфт, ки агар
исроилиён
хуни барраро
ба ду тарафи
дарвозаашон моланд,
нахустзодаи онҳо
наҷот меёбад.





Ними шаб дар Миср фарёди бузург баланд шуд.  Марг омада буд. Дар ҳар як хона камаш як одам мурда буд.





Фиръавн Мусоро зорӣ
кард: “Баромада равед!
Рафта ба Худованд
хизмат кунед”.  Халқи
Худо зуд аз сарҳади
Миср берун шуданд.



Худо ба Мусо гуфт, ки шаби
Наҷотро дар ёд нигоҳ доранд.  Зеро
Фариштаи Худо аз хонаҳои исроилиён гузашта,
фиръавну одамонашро ҷазо дода буд.



Баъди 430 сол дар Миср, халқи Худо акнун озод шуда буданд. Худо онҳоро рӯзона дар сутуни абр ва шабона дар сутуни оташ пеш мебурд.


Лекин фиръавн корашро
бо исроилиён тамом накарда буд. Ӯ аз нав Худоро фаромӯш кард. Ӯ боз аз фикраш гашт. Вай лашкарашро ҷамъ оварда, аз паси исроилиён рафт. Дере нагузашта вай онҳоро дар байни кӯҳпораҳо ва баҳр ба даст афтонд.

"Худо ба ҷойи шумоён меҷангад" — гуфт Мусо.  Баъд ба лаби об омада, дасташро дароз кард.



Муъҷизаи
бузурге рӯй дод.
Худо аз миёни
об раҳ кушод.
Мардум сиҳату
саломат
аз баҳр
гузаштанд.

Сипас лашкари фиръавн ба баҳри Сурх даромаданд. “Ҳозир мо онҳоро дастгир мекунем” — хаёл карданд ҷанговарон.  Аммо Худо обро ба ҷояш баргардонд.  Об лашкари тавонои Мисрро фурӯ бурд.  Акнун фиръавн медонист, ки Худои Исроил



бар ҳама Худованд аст.

Хайр, фиръавн!

Ҳикоя аз Каломи Худо

Раҳои 4-15

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16